Президенти мо-Пешвои мост!

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 1990

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

13 ноябри соли 2021

№ 17-18 (147-148)

Ташаббусҳои Тоҷикистон тахти сарварии Эмомалӣ Рахмон на танхо ба рушди минтақа, ба рушди минбаъдаи кишварҳои рӯ ба инкишофи сайёра низ равона шудаанд. Яъне, Сарвари Тоҷикистон бо ташаббусҳои худ нисбат ба бисёр халқҳои ҷаҳон ғамхорӣ мекунанд.

**Бутрос Бутрос Ғолӣ,**
**собиқ Котиби генералии СММ**

****

Эмомалӣ Рахмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони ИДМ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин бехуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон равандҳои сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар хеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чи оид ба ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар.

**Владимир Путин,**
**Президенти Федератсияи Россия**

****

Давоми сӣ сол Тоҷикистон тахти роҳбарии Эмомалӣ Рахмон роҳи ғайриодии рушдро тай карда, дар арсаҳои гуногун ба комёбиҳои бузург ноил гардид ва мақоми узви муҳими ҷомеаи ҷаҳонро касб кард. Итминон дорам, ки Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлатдорӣ ва эҳёи миллӣ тахти сарварии ҷаноби Президент ба комёбиҳои наву боз ҳам дурахшонтар ноил хоҳад гашт.

**Си Ҷинпин,**
**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**

****

Хизматҳои Эмомалӣ Раҳмон ба сифати яке аз асосгузорон дар боло бурдани обрӯйи Созмони ҳамкории Шанхай дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар фазои он нақши калон дорад.

**Владимир Норов,**
**Дабири Кулли Созмони ҳамкории Шанхай**

****

Истиқлолият ба Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон-ин сиёсатмадори сатҳи ҷаҳониро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон аст.

**Аҳмадшоҳи Масъуд,**
**Қаҳрамони миллии Афғонистон**

****

Тоҷикон халқи хушбахтанд. Зеро Худои таоло ба онҳо чунин марди оқил ва бомаҳоратро ҳамчун роҳбар ва пуштибон ато кардааст. Мо дар Сенегал Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро хуб мешиносем ва ба кӯшишҳои ҳастагинопазири ӯ ҷиҳати рушду нумуи Тоҷикистон ва тамоми минтақа арҷ мегузорем.

**Абдулай ВАД,**
**собиқ Президенти Ҷумҳурии Сенегал**

****

Ҷомеаи ҷаҳонӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба сифати Пешвои воқеан ҳам, умумимиллӣ, ки дар таҳкими давлатдорӣ ва таъмини некуаҳволии шаҳрвандони кишвар саҳми ҳалкунанда дорад, эътироф кардааст.

**Қосим – Жомарт Токаев,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

****

Дар симои Эмомалӣ Раҳмон ман тимсоли ҳақиқии мардуми тамаддунофари тоҷикро мебинам ва бо итминон таъкид менамоям, ки ин шахси бузург бо зинда кардани номи алломаҳои миллат номи худро низ ҷовидонӣ мегардонад. Зеро танҳо сулҳу осоиштагӣ, амонию фаровонӣ оварданаш ба рӯзгори одамон ӯро ба мақому манзалати олӣ баровардааст. Аз тоҷики бузург дигар чизро умедвор шудан ҳам нашояд.

**Чингиз Айтматов,**
**Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ**

****

Таҷрибаи тоҷикон дар бобати истиқрори сулҳ ҳамто надорад ва имрӯз бояд дар Афғонистон, дар чараёни барқарор сохтани ҳаёти осоишта ва созиши тарафҳои гуногуни даргири ин мамлакат истифода шавад.

**Ян Кубиш Муншии умумии Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо**

****

Ками дар кам воқеъ мешавад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бидуни ғолибону мағлубон ба сулҳ анҷом пазирад. Таҷрибаи давлати мо исбот мекунад, суботи дасти дӯстӣ қодир аст санги адоват бишканад. Президенти мо сиёсати худро на ба хотири сиёсат, балки аз барои халқи худ амалӣ мекунад.

**Саттор Турсун,**
**Нависандаи Халқии Тоҷикистон**

****

Эмомалӣ Раҳмон дар якҷоягӣ бо халқи худ роҳи мушкили истиқрори давлатдории миллӣ ва истиқлолияти воқеиро аз сар гузаронд. Ин танҳо ба сиёсатмадори хирадманде даст медиҳад, ки оянидаро хуб дида тавониста, пайгирона ба ҳадафи асосӣ мерасад.

**Роберт Кочерян,**
**собиқ Президенти Ҷумҳурии Арманистон**

****

Бо таваҷҷуҳи зиёд ва хушнудӣ аз дастовардҳои мардуми Тоҷикистон дар самти субот ва рушди кишвар, мутмаинем, ки зери роҳбарии Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои бештар ва ба нафъи мардуми тоҷик дар самти сулҳ ва, дар маҷмӯъ, пешрафти минтақа ноил хоҳад гашт.

**Чионг Тан Шанг,**
**собиқ Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам**

****

Таассуроти ман аз сафар ба Тоҷикистон нек ва олӣ аст. Тоҷикон меҳмоннавоз ва ҳоксоранд. Он чизеро дидам, дар ҳақиқат, ба ҳондану шунидаам рост омад. Ман Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун шахси таърихӣ дарёфтам. Шахсияти бисёр олӣ ва муассир ҳастанд. Аз масъалаҳои мубрами мардум ва минтақа огоҳанд ва барои ҳалли онҳо кӯшиш мекунад.

**Абдулло ибни Муҳаммад ибни Иброҳим Оли Шайх, Раиси Маҷлиси Шӯрои Арабистони Саудӣ**

****

Сиёсатмадорро бо сифатҳое чун хирадмандиву ҷасурӣ, ҳадафмандӣ ва, аз ҳама муҳимаш, бо такя доштанаш ба дастгирии халқ мешиносанд. Вале боз омили дигари муҳим, ба андешаи ман, ин накуӣ мебошад, ки дар чашмони Эмомалӣ Раҳмон равшан аён аст.

**Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

## СИЁСАТМАДОРОН ВА ШАХСИЯТҲОИ МАЪРУФ ДАР БОРАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Талх то ширин шавад, ӯ нешҳоро нӯш кард,**
**Бори вазнини замони нангро бар дӯш кард.**
**Бо муҳаббат кинадори хешро оғӯш кард,**
**Оташи ҷанги ватансӯзандаро хомӯш кард.**

# ХИСЛАТҲОИ УМДА ВА БУНЁДИИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ



Қобили қайд аст, ки дар ҳама давру замон нақши ҷомеасозиро шахсиятҳое бозидаанд, ки дар лаҳзаҳои вазнину сарнавиштсози давлатдорӣ тақдири давлату миллати хешро бар дӯши худ гирифта, ононро ба масири ободиву созандагӣ баргардонидаанд. Воқеан ҳамин гуна хидматро барои миллати мо дар даврони пас аз истиқлоли сиёсӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом додааст. Ин гуна шахсиятҳои давлатсозу сиёсатмадор иддае аз қобилият ва сифотеро дороанд, ки дар муваффақ будани онҳо ҳамин гуна сифатҳо метавонанд нақши калидӣ дошта бошанд. Яқин аст, ки дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон қобилияту сифатҳои зиёде вуҷуд доранд, аммо ба назари инҷониб умдатарин ва бунёдитарини онҳо сифатҳои фаросат, ҷасорат, устуворӣ ва мардумият ба ҳисоб мераванд, ки дар тамоми давраи фаъолияти ин бузургмарди миллӣ зуҳур ёфтаанд.

Пӯшида нест, ки оғози солҳои 90-уми асри 20 дар сиёсати ҷаҳонӣ тағйироти куллие ба вуқӯъ пайваст ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси як давлати абарқудрати олам аз байн рафт ва дар заминаи он давлатҳои нави миллӣ зуҳур намуданд. Дар баъзе аз кишварҳои паҳноии собиқ шӯравӣ қувваҳои гуногун ҷиҳати дарёфти ҳокимияти сиёсӣ мухолифату муборизаро шурӯъ намуданд. Кишварҳои тоза ба истиқлол расида дар пайи тақсими мероси аз шӯравӣ боқимонда шуғл меварзиданд, вале қувваҳои сияҳкоре ки бенизомию бесарусомониро дар Тоҷикистон ба вуҷуд оварданд, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ бо пули хоҷагони хориҷии хеш ҷанги шаҳрвандиро дар мамлакат ба вуҷуд оварданд ва сабаби ғорат шудани дороии кишвар ва маҳрум мондан аз ҳама он мероси шуравӣ буд. Дар ҳамин вазъ ки акнун мардуми кишвар дар оворагиву дар ба дарӣ ва нокомию ноумедӣ қарор дошт, миллатҳои дигар, ки сокинони кишвар буданд, Тоҷикистонро тарк карданд ва муқимнишинони мамлакат дар тарсу тааддӣ қарор доштанд ва дар хонаҳои худ паноҳ бурданд. Кӯчаҳои шаҳр холӣ гардида, дари корхонаю муассисаҳо ва мактабу маориф баста гардид. Мардуми аз минтақаҳои даргир фироркарда худро ба ҳар кӯю пуштае, ки нисбатан амн бошад, паноҳ мебурданд. Аз ҳама ҷо садои тиру гулула ва бӯи хун ба машом мерасид. Акнун дигар ҳарфи қонунро силоҳ мегуфт. Касоне, ки соҳиби силоҳ буданд, худро ҳокими ҳама чиз мепиндоштанд. Дӯздиву ғоратгарӣ дар ҳама ҷо ривоҷ ёфта, ҳар дӯзду авбош соҳиби ҷоҳу ҷалол буд. Ҷанги бародаркуш дар маркази шаҳри Душанбе ва алангаи он дар ҷануби кишвар доман паҳн мекард. Вилояти Хатлон дар мухосираи иқтисодӣ қарор дошт ва мардуми ин минтақа аз гуруснагию беморӣ ранҷ мебурданд. Шаҳри Душанбе ба шаҳри ноамну маркази дӯздиву ғоратгарӣ табдил ёфта буд. Амалан баргузории Иҷлосияи Шӯрои Олӣ дар он имкон надошт. Ҳамин замон буд, ки қувваҳои солимфикри ҷомеа Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олиро дар шаҳри Хуҷанд баргузор намуданд ва ин иҷлосия сарнавиштсоз вазъро минбаъд дар кишвар дигар сохт. Ин замон даврае буд, ки нафарон аз ба дӯш гирифтани масъулияти роҳбарӣ тарс доштанд, ҳар нафаре ҷасорат надошт то масъулияти роҳбариро бар дӯши хеш бигирад. Дар ҳамин гуна вазъи ҳассосу мураккаб сари қудрат омадани ҷавоне, ки ҳанӯз таҷрибаи сиёсии кофӣ надошт иддае аз мардум ба он аз назари шубҳа менигаристанд. Ин ҷавон бо ҷасорати том масъулияти роҳбариро бар дӯш гирифт. Бо баробари пазируфта шудан аз аввалин паёми умедворкунандаро, ки аз фаросати азимаш дарак медод ва дар ин иҷлосия аз тарафи ин роҳбари ҷавон садо дод он буд, ки ман ба Шумо сулҳ меорам ва то даме, ки як нафар фирорӣ берун аз кишвар мемонад, худро осуда намеҳисобам. Ин паём дар дили мардум дубора шуълаи умедро равшан сохт ва ин ҷавон ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи гузоштаи хеш устуворона даст ба кор шуд. Ҳамин буд, ки аз аввалин корҳоеро, ки Эмомалӣ Раҳмон баробари ба қудрат расидан анҷом дод, ин ба кишвар овардани сулҳу салоҳ буд. Қобили қайд аст, ки дар он рӯзгори пур аз яъсу навмедӣ ки силоҳ сухан мегуфт ва ҷаҳлу хашм ҳамаро фаро гирифта буд ва ҳарфи мардӣ ва қонунро туфангмардон мезаданд, ба вуҷуд овардани сулҳу салоҳ кори содае набуд. Ин роҳбари ҷавон тайи чор сол бо бедорхобию ҷаспу талошҳо, аз худ гузаштану ҳадафи ба ҳам овардани давлату миллатро дар сар парварида, ба ҳама тарафҳои даргир дасти бародарӣ дароз намудан ва ба назди ҳар нафаре новобаста аз мақому шахсияташ рафтан ва бо онҳо гуфтушунид намудан аз ҷасорат ва фаросати азими Эмомалӣ Раҳмон буд. Ҳамин аз худ гузаштанҳо ва устувор будан ба ҳадафи худ боиси он гардид, ки дар ҳафт раванди гуфтушунид ахиран 27-уми июни соли 1997 ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне имзои Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ расид ва кишварро аз вартаи нобудӣ берун овард. Ҳамаи ин бозгукунандаи он аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дорои фаросати баланди сиёсӣ буда, ҳанӯз бо баробари ба ин арса ворид шудан, дар кору амали ӯ ин сифат зуҳур намуда буд. Аз ин рӯ, аз ибтидои ворид шудан ба сиёсат илми фаросатро ба по гирифт ва корҳои давлатдориро ором-ором ва дилпуронаву босаброна таҷриба андӯхт, омӯхт ва онҳоро дар кишвар татбиқ сохт. Ӯ бо ин фаросати баландаш тавонист кишварро аз вартаи нобудӣ берун оварад ва сулҳи сар то сариро дар кишвар ба миён оварад.

Қобили қайд аст, ки агар сулҳу салоҳ дар кишвар ба миён намеомад, аз байн рафтани Тоҷикистон ба ҳайси давлати мустақил яқин буд, зеро ин ҳадафро кайҳо баъзе аз қувваҳои хориҷӣ дар сар мепарвариданд. Ҳамин фаросату ҷасорат ва устувориву мардумияти Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тавонист кишварро аз вартаи нобудӣ раҳонад ва онро аз як кишвари дар ҳоли парокандагиву аз байн рафтан ба як кишвари пешрафтаву амн табдил диҳад.

Сифатҳои фаросату ҷасорат ва устувориву мардумият дар ҳама кору амали Эмомалӣ Раҳмон муҷалло ба назар мерасанд. Онҳоро ҳамеша дар тамоми мавриди роҳбариаш нигоҳ доштааст, ки онро метавон муфассал мавриди омӯзиш қарор дод, ки метавонад як рисолаи доманадор бошад. Ин ҷо ба тарзи иҷмолӣ баъзе аз паҳлуҳои онро метавон ҳамчун мисол зикр кард. Агар амалкардҳои имрӯзаи ӯро низ ба назар гирем ин сифатҳо ҳанӯз ҳам бо ин ки як сиёсатмадори таҷрибадору варзидааст ва ҷойгоҳи муҳимеро ҳамчун шахсият дар ҷомеа дорост, вале ин сифатҳо ҳанӯз дар кору амалаш чун сифатҳои меҳварӣ қарор гирифтаанд. Яъне чун номбурда ба ҳайси як сиёсатмадор аз байни мардум бархоста буд, ҳамон мардумиятро барои ҳамешагӣ дар худ нигоҳ дошт.

Пӯшида нест, ки имрӯз бемории коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон инсониятро ба як ваҳму тарси фарогир дучор намудааст. Хатари он ба ҷони ҳамаи инсонҳо новобаста аз мақому мартаба хуну пӯст, миллату мазҳаб баробар таҳдид мекунад. Дар чунин як шароит, ки аксари роҳбарони мамолики ҷаҳон худро дар фосила қарор дода, тамоми маҷлису машварат ва барномаҳои кории хешро тариқи онлайнӣ, ба роҳ мемонанд, дар чунин як шароит низ Эмомалӣ Раҳмон чор сифати бунёдӣ: фаросат, ҷасорат ва устуворию мардумиятро, ки дар дарозои фаъолияти худ аз онҳо истифода намудааст, ҳанӯз онҳоро идома мебахшад. Аз рӯзҳои пайдоиши ин вирус дар кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паҳлуи мардум қарор гирифт ва тамоми имкониятро ҷиҳати аз байн бурдани вирус дар кишвар сафарбар намуд. Ҳеҷ гоҳ аз мардум фосила нагирифт ва ҳамеша дар ҳама вазъ бо мардум ва дар бари мардум қарор гирифт, чи дар лаҳзаҳои хурсандӣ ва чи дар лаҳзаҳои мушкилу дармондагӣ бо мардум буд. Дар шароите, ки роҳбарони иддае аз кишварҳои ҷаҳон дар пайи ҳифзи саломатии хеш танҳо фосилавӣ бо мардум иртибот доранд, Президенти Тоҷикистон ба минтақаҳои кишвар сафар мекунад, бо мардум мулоқот меорояд ва ба хонаи мардумони одӣ рафта, меҳмон мешавад. Тайи ин муддате, ки пандемия ва вируси (COVID- 19) ҷони нафарони зиёдеро аз байн бурда истодааст, Президенти Тоҷикистон ба ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва дигар шаҳру навоҳии мамлакат сафарҳои корӣ анҷом медиҳад ва бо мардум мулоқоти рӯёрӯ дорад. Аз дарди мардум огоҳ аст ва бо ғаму шодии мардум шарик аст. Ҳарчанд синну сол аз 60 гузашта ин вирус барои мардумони синну соли болоӣ хатарнок ба ҳисоб меравад, вале ҳамон сифатҳои аслии ҷасорат, мардумият ва фаросату устувориро, ки бунёдию табиӣ дар Эмомалӣ Раҳмон мавҷуданд, боис гардидаанд, ки бо мардум бошад, ҷасорат дошта бошад ва ҳамшарики ғаму андуҳи мардуми худ бошад. Дар вазъи кунуние, ки COVID-19 ба миён овардааст, на ҳар роҳбар дорои чунин ҷасоратест, ки дар паҳлуи мардум бошад ва фосила нагирифта бо мардум дар мулоқоти рӯёрӯ қарор бигирад. Ин ҷасорат ба дили мардум умед мебахшад ва тарсро аз мардум дур месозад ва онҳо аз рӯи ақлу хирад кор гирифта, чораҳои беҳдоштиро риоя мекунанд, фосилаи иҷтимоӣ мегиранд ва аз ниқобҳои тиббӣ ҷиҳати беҳдошти худу пайвандон истифода менамоянд ва дар баробари ин пайи амалу бароварда кардани ниёзҳои иқтисодию иҷтимоии худанд. Ҳамаи ин ҳолатҳо бозгукунандаи онанд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми давраи фаъолияти хеш, ҳанӯз аз ибтидои марҳилаи ба сиёсат пайвастан, ки он замон хеле ҷавон буданд ва дар замоне, ки ба ҳайси як сиёсатмадори варзида, Қаҳрамони Тоҷикистон ва Пешвои миллат аст ва дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун сиёсатмадори барҷаста шинохташудаву маъруф аст, то ҳанӯз сифати мардумиятро нигоҳ доштааст. Эмомалӣ Раҳмон бо мардум ва мардум бо Эмомалӣ Раҳмон аст. Ӯ мардум ва миллати худро дӯст медорад ва мардуми кишвар ӯро самимона дӯст медоранд ва эҳтиром менамоянд, зеро ӯ ҳамеша пуштибони ҳар фарди кишвар аст. Маҳбубияти ин марди фозил то дараҷаест, ки хурду бузурги кишвар ӯро дӯст медоранд, эҳтиром мекунанд ва барои ҳар нафар ҳамчун шахси наздик ба ҳисоб меравад.

**Исомиддин Шарифзода,**
**номзади илмҳои фалсафа,**
**мудири кафедраи**
**гуманитарии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ РАМЗИ САОДАТИ ТАМОМИ ТОҶИКОНУ ТОҶИКИСТОНИЁН АСТ

## Табрикоти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику тахният мегӯям. Мо, тоҷикон ва тоҷикистониён аз Президенти маҳбубамон, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки мудом баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сулҳу суботи сайёра ҷаҳду талош намуда, иқдомҳои башардӯстона ва андешаҳои ҷаҳонсози хешро бо ин мақсад равона месозанд, ифтихор мекунем.

Барҳақ, ифтихор мекунем, ки тоҷикему чунин сарвари ғамхор ва оқилу хирадманд дорем.

Сарваре, ки иқдому ташаббусҳои сатҳи ҷаҳониаш бо мақсади сулҳу субот, ҳифзи муҳити зист, оромию осоиштагӣ ва эмин нигоҳ доштани мардуми сайёра аз ҳар гуна хавфу хатарҳои замони муосир роҳандозӣ шуда, нуфузу эътиборашро дар арсаи байналмилалӣ дахчанд намудаанд.

Дастовардҳоеро, ки кишвари азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол тахти сарварии ин фарзанди фарзонаи миллат дар арсаи ҷаҳонӣ комёб гардидааст, бо ҳеҷ чиз наметавон қиёс кард. Ба даст омадани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, қадамҳои устувори демократӣ гузоштан, аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо садо додани каломи тоҷикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ, бунёди Неругоҳи барқи обии “Роғун” (ба кор даровардани агрегатҳои 1- ум ва 2 – юми он), амнияти озуқаворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳадафи чоруми стратегӣ қарор додани саноатикунонии кишвар ва гузариш аз мамлакати аграрӣ – индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ, бунёди корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ, қомат афрохтани биноҳои бисёрошёнаи маъмурию истиқоматӣ ва ғайраҳо натиҷаи ҷаҳду талош, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва сиёсати дурусти пешгирифтаи Президенти маҳбуби кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Суханони зерини Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, ки гуфтааст: “Эмомалӣ Раҳмон дар байни ҳамдиёрон ва дар хориҷи кишвари худ ба обрӯву нуфузи шоиста сазовор гардидааст. Зери роҳбарии ӯ Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодиву сиёсӣ ба дастовардҳои зиёд ноил шудааст. Мо ба саъю талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳким бахшидан ба муносиботи шарикии стратегии байни кишварҳоямон, инчунин, саҳми ӯ дар таъмини амнияту суботи Осиёи Марказӣ баҳои баланд медиҳем”, воқеан ҳам, аз обрӯву нуфузи зиёд доштан ва ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидани Пешвои муаззами миллатамон башорат медиҳад.

Дар ҳақиқат Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон фарзанди фарзонаи давлату миллати тоҷик маҳсуб ёфта, тамоми дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар бо ному кори ин сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ алоқамандӣ дорад. Воқеан, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи саодати на танҳо ҷавонон, балки тамоми тоҷикону тоҷикистониён аст, ки дар Иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 186 вакили халқ Сарвари давлат интихоб гардид ва зимоми давлатдориро ба даст гирифт. Яъне шуълаи бахту саодат дар дили мардум маҳз аз ҳамин Иҷлосияи таърихӣ ва суханони боварибахши Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки гуфта буд: “Ман ба Шумо сулҳ меорам”, пайдо шуд ва ин шуъла тавассути ҷаҳду талош ва ҷасорату корнамоиҳои бемислу монанди Раиси Шӯрои Олӣ ҷиҳати баргардонидани гурезаҳо ба ватани аҷдодӣ бештар гардида, боварию эътимоди мардумро нисбати Сарвари ҷавони мамлакат, ки он вақт ҳамагӣ 40 сол доштанд, зиёдтар намуд.

“Тоҷикон халқи хушбахтанд. Зеро Худои таоло ба онҳо чунин марди оқил ва бомаҳоратро ато кардааст. Мо дар Сенегал Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро хуб мешиносем ва ба кӯшишҳои хастагинопазири ӯ ҷиҳати рушду нумуи Тоҷикистон ва тамоми минтақа арҷ мегузорем”, - гуфтани Абдулай ВАД, собиқ Президенти Ҷумҳурии Сенегал бори дигар аз обрӯву нуфузи байналмилалӣ ва эҳтироми хосса доштани Пешвои миллатамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон далолат мекунад.

**Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бори дигар бароятон муборакбод мегӯям!**

# САҲМИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲИЯ ВА ТАРҲРЕЗИИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**“Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.**

**Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, муратабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.”**

***Моддаи 64-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Яке аз нишонҳои давлатдорӣ мавҷудияти институти президентӣ мебошад, ки рукни он дар чаҳорчӯбаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Бояд қайд кард, ки боби чаҳоруми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Президент” мебошад, ки аз моддаи 64 то 72-ро дар бар мегирад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу шартҳои ба ин мансаби олии ҳокимияти давлатӣ интихоб шудан ва лаҳзаи ба фаъолият шурӯъ намудани Президент муқаррар гардидааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” санаи 16-уми ноябр Рӯзи Президент муайян карда шудааст. Рӯзи Президент – рӯзи рамзию таърихӣ, таҷассумгари орзую умеди неки мардуми кишвар, кафолати сулҳу оромӣ, меҳру муҳаббат, адолату шафқат, хираду рушд ва ваҳдату ягонагии соҳибистиқлолии кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Фазилату рисолати сиёсатмадориву давлатдории навини кишвар, таъмини сулҳу ваҳдату ягонагии мардуми сарзамин ва болоравии обрӯву нуфузу мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар миқёси байналмилалӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шахси сулҳофару сулҳпарвар, иттиҳодкунандаи миллату мардуми кишвар баҳри рушду ободии Ватан, фароҳамоварандаи шароити арзанда барои ҳар як сокини кишвар, ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудаанд.



Воқеан, хизматҳои Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлат, барқароркунии ҳокимияти сиёсию истиқлолияти муосири давлатӣ, хомӯш намудани оташи ҷанги дохилӣ хеле бузург аст. Имрӯз Тоҷикистон нисбат ба солҳои қаблӣ ободу зебо гардидааст ва мардумаш дар фазои сулҳу субот кору фаъолият менамоянд.

Мардуми шарафманди тоҷик Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҷашни фархунда, чун рамзи садоқат ба Ватан таҷлил менамоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз ҷумлаи муассисаи таҳсилоти олии касбии даврони соҳибистиқлоли кишвари маҳбубамон маҳсуб ёфта, мутахассисони варзидаи рақобатпазирро барои бозори озоди меҳнат омода карда дар рушди инноватсионии Тоҷикистони соҳибихтиёр саҳм мегузорад.

Дар эҳёи Тоҷикистони мустақил бо дарназардошти нишонаҳои таърихи ниёгон, расму оини давлатдорӣ ва рамзҳои он олимону рассомони варзидаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) саҳми муассир доранд.

Хурсандибахш аст, ки дар таҳия ва тарҳрезии Парчами давлатӣ, Нишон, Пули миллӣ, Штандарт (Ливо) ва Ситораи Президент бевосита кормандони донишгоҳ ба ҳайси роҳбар ва узви гурӯҳи корӣ иштирок кардаанд.

Дар таҳия ва тарҳрезии Парчами давлатӣ, Нишон, Пули миллӣ профессор, Рассоми халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Раиси иттифоқи рассомони Тоҷикистон, мудири кафедраи дизайни либос ва санъати мӯди донишгоҳ шодравон Ҳабибуллоев Зуҳур Нурчонович, н.и.с., профессор, собиқ Раиси иттифоқи дизайнерони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус, мудири ҳамин кафедра Заневский Анатолий Нарсисович, д.и.с., профессор, ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи таърих ва бостоншиносии АМИ ҶТ Лариса Додхудоева ва Ирина Игнатишина дизайнер, собиқ корманди ДТТ саҳм доранд.

Дар таҳия ва тарҳрезии “Штандарт ва Ситораи Президент” Ғанизода Ҷамшед Сиҷоат - н.и.м., дотсент, хатмкардаи соли аввали ДТТ аз рӯи ихтисоси тарҳрезии либос, дотсенти кафедраи технологияи дизайни либос ва санъати мӯди ДТТ, Раиси иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон, ҳамзамон ректори Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, Сабзалӣ Шарифов – Рассоми халқии Тоҷикистон, собиқ профессори ҳамин кафедра заҳмат кашидаанд.

Ҳабибуллоев Зуҳур Нурчонович, Заневский Анатолий Нарсисович, Сабзалӣ Шарифов, Лариса Додхудоева, Ғанизода Ҷамшед Сиҷоат ва Ирина Игнатишина барои саҳми босазо ва меҳнати софдилона аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар бо Ҷоизаи давлатӣ мукофотонида шудаанд.

Барои мо ҳайати профессорон, омӯзгорону кормандони ва донишҷӯёни факултету донишгоҳ басо хурсандибахшу мояи ифтихор аст, ки чунин шахсиятҳои шуҳратманд дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон солҳои тӯлонӣ фаъолият карда, барои рушди кишвари маҳбубамон, тайёр кардани олимону мутахассисони ҷавон ва таълиму тарбияи донишҷӯён саҳм гузоштаанд.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва мардуми шарафманди Тоҷикистон хуҷаста бошад!

**Ғ. Қ. ҲАКИМОВ,**
**н.и.т., дотсент, декани ФМТ,**
**Л. З. Мирзоева, танзимгари ФМТ**

# САНАДИ САРНАВИШТСОЗИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

**“Аҳамияти таърихии Конститутсия, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ин санади сарнавиштсоз барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ замина гузошт ва омили асосии кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон гардид”**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар ҳақиқат Конститутсия санади асосӣ ва муайянкунандаи шоҳроҳи ҳаёти ҳар давлату кишвар ва ҷомеаи мутамаддину мамолики мутараққӣ ба ҳисоб рафта, ҳама санадҳо дар асос ва доираи раводиди он таҳияву қабул карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми шарифи он низ аз рӯзҳои аввали Истиқлолият барои доштани Конститутсияи ҷавобгӯ ба талаботи инсонӣ омодагӣ медид ва ин орзую омоли деринтизор ба туфайли ҷаҳду талошҳои Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 6-уми ноябри соли 1994 ҷомаи амал пӯшид.

Бо қабул гардидани Конститутсия халқи Тоҷикистон роҳи нави инкишофро интихоб намуд. Имрӯз мо шукргузор аз онем, ки маҳз ҷаҳду талош ва сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон барои қабули чунин як ҳуҷҷати асосӣ – Конститутсияи кишвар аз ҷониби халқи азизи мо мусоидат намуду ба воситаи амали он зиндагии осоишта ва ҳаёти серу пур дар як муддати кӯтоҳ насибамон гардид.

Ифтихори дигари мо имрӯз дар он аст, ки ҳамагӣ тайи бисту ҳафт соли амали худ Конститутсия моро дар давлатдорӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қатори давлатҳои аз нигоҳи сиёсиву иқтисодӣ устувор муаррифӣ карда тавонист. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки меъёрҳои он аз принсипи инсондӯстӣ маншаъ мегирад, ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози сиёсиву ҳуқуқӣ эътироф гардида, дар он арзишҳои муҳимми ҳаётӣ, изҳори ифода ва марому мақсади кулли сокинони кишвар возеҳ инъикос ёфтаанд.

Ба шарофати ин дастоварди олӣ халқи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо сарбаландӣ эълон кард, ки соҳиби давлати соҳибихтиёри худ буда, дар ҳифзи дастовардҳо ва афзоишу таҳкими онҳо пайваста кӯшиш менамояд ва рушди соҳибихтиёрии давлати миллии хешро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар таквияти минбаъдаи он саъю талош меварзад.

Бояд гуфт, ки бо дарназардошти ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии кишварамон 26-уми сентябри соли 1999 баъдан идомаи ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ, инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурати танзими ҳуқуқии дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ тақозо намуданд, ки меъёрҳои Конститутсия бори дигар таҳлил дода шаванд. Бо ин




мақсад 22-юми июни соли 2003 ба Конститутсияи Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд ва кишвари азизамон ба шарофати хиради бузург ва фаросати сиёсии халқ ба сӯйи таҳкими пояҳои давлати демократию ҳуқуқбунёд қадами ҷиддӣ ва устувор гузошт.

Рушди устувори босуботи ҷомеа, бахусус, ҷомеаи муосири Тоҷикистон тақозо намуд, ки меъёрҳои Конститутсия бори дигар такмил дода шаванд. Аз ин рӯ, маротибаи сеюм бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 22-юми майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки бевосита ба рушди минбаъдаи равандҳои демократисозии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояю ҳифзи онҳо мусоидат намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки хусусияти асосии Конститутсияи Тоҷикистон миллӣ будани он ба шумор меравад. Дар асоси меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иродаи халқ як қатор қонунҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” қабул гардиданд, ки мояи ифтихор ва нишонаи хувияти миллии мардуми тоҷик мебошанд.

**Гулнора САЪДУЛЛОЕВА,**
**ассистенти кафедраи**
**гуманитарии ДТТ**

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ



**Бо ибтикори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар толори маҷлисгоҳи донишгоҳ Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Конститутсия ҳуҷҷати тақдирсоз» баргузор гардид.**

Дар кори конференсия муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода Ризо Шодӣ ва сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Шоҳзод Раҳимзода иштирок доштанд. Дар конференсия муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба тарбия Абдумуминзода Ситора дар мавзуи “Конститутсия - шаҳодатномаи миллат”, намояндаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Фирӯз Шоев дар мавзуи “Конститутсия ҳуҷҷати тақдирсоз”, устоди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Фаррух Алиев дар мавзуи “Таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” маърӯзаҳои пурмазмун намуда, вобаста ба муҳиммияти Конститутсия дар ҳаёти шаҳрвандони мамлакат ва қабули ин санади муҳими таърихӣ ибрози андеша намуданд.

Аснои суханронӣ таъкид гардид, ки Конститутсия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад. Қабули Конститутсия имконият дод ки дар мамлакат сулҳу субот барқарор шуда, дар ин замина барои рушди соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёт шароити мусоид ба вуҷуд оварда шавад.



Барои ширкати фаъолона дар кори конференсия чанде аз иштирокчиён бо сипоснома҇ҳои Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуданд.

Дар фарҷоми конференсия ҳунармандони ансамбли “Зуҳал”-и донишгоҳ барномаи хуби фарҳангиро манзури иштирокчиён гардониданд.

**М. ШЕРОВ,**
**мудири шуъбаи кор**
**бо ҷавонон ва варзиш**

“Таърих чунин таҷрибаи талх дорад: ё бо ҷуръат ва муттаҳидӣ давлату сарзамини худро ҳифз мекунӣ ва барои давому баҳои наслҳову давлати миллӣ шароит фароҳам месозӣ, ё ғуломи дастнигари давлатҳову халқҳои истилогар мешавӣ”.

Эмомалӣ Раҳмон

# ШАРОФАТИ ИСТИҚЛОЛИЯТ, ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ТАҚДИРСОЗ ВА ИНТИХОБИ ПРЕЗИДЕНТ



Баъди соҳибистиқлол гардидани кишвари офтобии Тоҷикистон сарнавишти ин миллат ба куллӣ дигаргун шуда, фазои оромаш низ ғуборолуд гардид. Гарчанд ин саодати соҳибистиқлолӣ ба бахти ин миллати сарбаланд бо роҳи осоиштагиву оромӣ насиб гардид, вале ин неъмати бебаҳо ба душманону бадтинатони миллат хуш наомад. Бо ҳар гуна фитнаю найрангҳои тарҳрезишуда миёни миллати тоҷик ҷангу ҷидол, радду бадалҳои сарбастаро ба вуҷуд оварданд. Оқибат ин гумроҳиҳо ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гардид. Он замон рӯзгори сахту пур аз сӯзу гудоз, поён рафтани шароити иқтисодию иҷтимоӣ, беҳокимиятӣ, ба чабхаҳо ва қисматҳо ҷудо гардидани як миллат ва ниҳоят хатари аз байн рафтани ин миллат, фарзонафарзандони онро маҷбур сохт, ки байни ин ду сарони чабҳаҳои мухолиф ҷаласа доир кунанд. Ҳарчанд дар он замони сахт ва лаҳзаҳои хеле ҳассос мушкил буд миёни оташ рафтану миллатро аз ин вазъ раҳонидан. Зиҳӣ, мардони бузургдилу соҳибтафаккур зиёиёну сиёсатмадорон, олимону хирадмандони дурандеш, баномус ва намояндагони сарсупурдаву ҷонфидои ин миллат, ки ҷони худро миёни ҷангу оташ нисори оромию осудагию сулҳу суботи ин ватан кардаю захми хуншори ин миллатро дармон гардидаанд.

Ниҳоят 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Мақсади асосии иҷлосияи Хуҷанд аз бартараф намудани бенизомӣ дар сатҳи болоии ҳокимият, баҳамории нерухои мухолифи дар шаҳр буда, иборат буд. Бояд сарварии ҷумҳурӣ ба шахсе супурда мешуд, ки пеш аз ҳама доғи сиёсӣ надошта бошад. Оре, ин лаҳзаҳои хеле ҳассос буд барои ин миллат. Ҳар фарзанди ин сарзамину ин миллат бо тамоми ҳастӣ гӯшу хуш буд, ки чи мешавад тақдири ин миллат фардо. Ақли комилу тафаккури дурандеши сатҳи ҳокимияти пошхӯрда боло гирифту намояндагону вакилони мардум дар интихоби Раиси Шӯрои Олӣ хато накарда, беҳтарин, фарзонатарин ва хушикболтарин фарзанди миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмоновро интихоб карданд. Билохира, баргузории ин иҷлосияи неккадам ба ин ҳама носуботиҳои фазои ватан хотима бахшид. Мушти пурзӯре зад ба нақшаҳои бадхоҳони миллати сарбаланд. Мусаллам аст, ки Иҷлосия баъди арбобони бузурги миллат шахсияти нави таърихӣ, сиёсатмадори замони навро ба вуҷуд овард, ки тавассути он Тоҷикистон аз ҷониби башар шинохта шуд. Бо роҳбарии оқилонаи Сарвари хирадманд роҳи мушкилиҳо кушода гардид: бо ҳам омаданҳо, оштишуданҳо, аз гуноҳи ҳамдигар гузаштанҳо, ба ватан пас овардани гурезаҳо, пайи ободии харобаҳо камар бастанҳо, бо дили пок бо якдигарфаҳмию эҳтиром бо ҳам, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, пайи созандагию ба пой хестанҳо расидаем ба ин оромию сулҳу ваҳдат. Пас, ба арзиши ин се санаи тақдирсоз эҳтироми бузургро қоил аст ин миллат. Зеро нақши Истиқлолият, Иҷлосия ва Президент дар пойдорию ҳастии миллати тоҷик, дар созандагию ободии имрӯзу фардои он ниҳоят арзишманду беназиранд. Бо шарофати истиқлол мо соҳиби Нишон, Парчам ва Суруди миллии худ гаштем, аз баргузории иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олӣ роҳ ба сӯи оромию созандагию рушд расидаем ва аз интихоби Раиси Шӯрои Олӣ ба арсаи сиёсат ворид шудани Эмомалӣ Раҳмон ва дар ҷаласаи Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби ӯ муаррифӣ гардидани Тоҷикистон сиёсати соҳибистиқлолии моро таҳким бахшид ва давлати тоҷикон дар симои сарвараш ҳомии сулҳро пайдо намуд. Ҳолиё, дигар шукрона аз ин сулҳу субот, шукрона аз ин соҳибистиқлолӣ ва шукрона аз сиёсати ватанпарастӣ ва роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**Тағойгули Саъдулло,**
**корманди китобхонаи илмии ДТТ**

# КИШВАРАМОНРО БОЗ ҲАМ ПЕШРАФТА ГАРДОНЕМ

Дар қатори дигар ашхоси бонангу номус ва ватандӯсти кишвар, мо омӯзгорон шукргузорӣ аз сулҳу субот ва соҳибистиқлол гаштани ватани маҳбубамон намуда, аз таърихи фарҳанги оламшумул ва бою рангини худ ифтихор мекунем.

Мардуми шарифи Тоҷикистон дар остонаи таҷлили ҷашнҳои бузурги миллиамон, яъне солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Парчами давлатӣ қарор дошта, барои сазовор истиқбол гирифтани ҷашнҳои зикргардида кӯшишу ғайрат ба харҷ дода истодаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки аз интихоботи президентӣ (ноябри соли 1991) то баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) давраи мудҳиш ва тақдирсоз ба ҳисоб мерафт. Оғози гирдиҳамоиҳо, аз ҷониби мухолифини давлат ғасб шудани телевизиони марказӣ, гирдиҳамоиҳои майдонҳои “Шаҳидон” ва “Озодӣ” (апрел-майи соли 1992), аз ҷумлаи амалҳое буданд, ки, боиси сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардиданд.

Он рӯзҳои бад ҳеҷ гоҳ аз хотирам фаромӯш намешаванд, ки дар телевизиони марказӣ дар яке аз шуъбаҳо фаъолият мекардам. Аз таги тиру туфанг гузашта пиёда ба кор мерафтем ва ҳеҷ кас намедонист, ки то бегоҳ зинда мемонад ё не. Як субҳи рӯзи корӣ садоҳо баланд шуд ва огоҳ карданд, ки ягон нафар ба берун набарояд. Мо духтарон мисли он ки аз хунукӣ сард шуда бошем, дасту поямон ба ларза афтод. Худоё! Чӣ мешуда бошад? Ба куҷо равем? Чунин саволҳо дар гӯшаи хаёли ҳар нафар чарх мезад ва ҷавобашро фақат тақдир медонист. Телевизиони марказиро мухолифин пурра ба дасти худ гирифтанд. Шуъбае, ки банда фаъолият мекардам, адабӣ буд, лекин маро маҷбур намуданд, ки эълонҳоро мехонӣ!

Ҳамин тавр, се ҳафта бо хоҳиши онҳо фаъолиятамро давом додам ва дигар ба кор баромада натавонистам.

Кашмакашию бетартибӣ, бесарусомонӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, нидоҳои занону кӯдакон, гум шудани кӯдакон, хулоса, ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид. Давраe, ки тамоми сохторҳои ҳукуматӣ фалаҷ гардида, беқонунӣ кишварро фаро гирифта буд. Рақибони Президенти хамондавра Раҳмон Набиев ҳокимияти сиёсиро ба даст гирифта буданд, ҳол он ки ин афрод иттифоқчиёни пешинаи ӯ ба ҳисоб мерафтанд. Акнун вазъияте ба амал омада буд, ки соҳибмансабон ҳукуматро идора карда наметавонистанд. Рӯзи мардуми тоҷик сахт шуда буд. Бархе аз соҳибмансабон роҳи гурезро пеш гирифтанд. Халқ ба ҳоли зор мубтало гардида, фарзандони оила яке ба тарафи мухолифин, дигаре ба ҷониби ҳукумати онвақта аъзо шуда буд. Оғози давраe буд, ки ҳоло ҳам аз ёдоварӣ карданаш кас меларзад.

Хабарҳои мудҳиш ҳар рӯзу соат шунида мешуд, ба мисли вахшиёна кушта шудани ходимони ҷамъиятиву сиёсӣ, ҳуҷум ба идораҳои давлатию қудратӣ боз ҳам алангаи ҷангро афзуда, хавфи ба ноҳияҳои дигар гузаштани онро торафт зиёдтар мекард. Аз ин нобасомониҳо ҳокимияти давлатӣ коста шуд ва дар кишвари мо вазъи ноҳуб ва низои дохилиро ба бор овард, ки ба қишрҳои ҷомеа хисороти зиёд расид. Бархе аз ҳамватанони мо аз манзили истиқоматии худ маҳрум гашта, қисми дигари он қурбони ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд. Дар таърихи миллати тоҷик ин фоҷиаи гарон чун саҳифаи фаромӯшнашаванда сабт шудааст, то дарси ибрати наслҳои имрӯзу оянда гардад.

Оре! Он рӯзҳои сахту азият кашидани мардум солҳо идома ёфт. Аз радио фақат садои гиряву нолаи гурезагон ба гӯш мерасид ва Президенти навинтихоби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мардумро барои ба ватани хеш баргаштан даъват менамуд. Чунин садо то ҳоло дар хотирам ҳаст, ки “ин ватани Шумо, хонаи Шумо ҷой ва манзили шумост! Биёед обод кунед зиндагиатонро ба пеш баред! Ман ба Шумо сулҳ меорам!”

Ҳамин буд, ки Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои нави сиёсӣ буда, дар таърихи миллати тоҷик саҳифаи наверо боз намуд.

Маҳз дар Иҷлосияи тақдирсоз, ки дар боло ишора кардем, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакилони мардумӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, ҳамзамон, ваколати Сардори давлат ба он кас дода шуд. Ба уҳдаи сардори давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1992 нақш ва мавқеи Иҷлосияро ба сифати рӯйдоди сарнавиштсози миллат муайян намуд, зеро он дар кишвар гардиши куллиеро ба вуҷуд овард.

Воқеан ҳам, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба савгандi худ содиқ монда, барои ба даст овардани сулҳу субот ҷаҳду талош ва ҷасорату корнамоиҳои бемисл нишон дода, ба мардум сулҳ овард. Бархақ, Сарвари давлат тамоми неруву ғайрат ва ҳастияшро барои ояндаи дурахшони Ватан, пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва зиндагии пурсаодати халқи азизаш сарф намуд, ки имрӯзҳо халқи Тоҷикистон дар фазои сулҳу оромӣ, осмони софу беғубор умр ба сар бурда истодаанд.

Аз ин рӯ, мо омӯзгоронро зарур аст, ки дар машғулиятҳо аз он давраҳои мудҳиш ёдовар шавем ва ба донишҷӯён фаҳмонем, ки сулҳу субoти сартосарии кишвар ба осонӣ ба даст наомадааст. Мо омӯзгорон ба донишҷӯёнро зарур аст, ки ҷавобан ба дастгирию ғамхориҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон тамоми саъю кӯшиши худро бахри донишомӯзӣ, донишҷӯйӣ, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодиамон равона сохта, парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва давлати миллиамон бошем ва ҳамзамон, таъкидҳои дурандешонаи Сарвари давлатамонро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор дода, Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба кишвари боз ҳам пешрафта ва ободу зебо мубаддал гардонем.

**Г. ШАРИФОВА,**
**доктори илмҳои филологӣ**

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР 30 СОЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ: ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО

Чанде пеш дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамоиши ҷавонон ва намоиши дастовардҳои олимону ҷавонони донишгоҳ таҳти унвони “Нақши ҷавонон дар 30 соли соҳибистиқлолӣ: дастовард ва дурнамо” ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори ҳамоиш раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, намояндаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам, муовини ректор оид ба тарбия Абдумуминзода Ситора, муовини раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Давлатҷон Ғаффорзода, олимону омӯзгорони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзиданд.



Нахуст, меҳмонон аз намоишдастранҷи донишҷӯёни донишгоҳ дидан намуда, сипас ба кори ҳамоиш оғоз намуданд. Зимни мулоқот аҳли раёсат вобаста ба заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми беназири ӯ дар рушди ҳамаҷонибаи кишвар дар давоми 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуданд. Қайд гардид, ки маҳз ташаббуси Пешвои муаззами миллат буд, ки ҷавонон ҳамчун қишри оянсдасози ҷомеа дастгирии ҳамаҷониба ёфта, ба зинаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ шуда истодаанд.

**Ш. МАҲМАДАЛӢ**

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-АМАЛӢ



Бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Саноатикунонии босуръати кишвар” ва дар ин замина тайёр намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 22-юми октябри соли 2021 семинари илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Дастовардҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Семинарро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, аҳли толорро хайрамақдам гуфтанд ва ба таври мухтасар аз дастовардҳои соҳаи саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ёдовар шуда, баъдан риштаи суханро ба муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Умед во гузоштанд.

Мавсуф зимни суханронӣ, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар пешрафт ва рушди саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Солеҳзода Умед дар идомаи суханаш иброз дошт, ки ба шарофати дастгирию ғамхориҳои ҳамешагии Пешвои муаззами миллат барои донишҷӯён тамоми шароитҳо муҳайё гардидааст. Аз ин лиҳоз, -гуфт ӯ, донишҷӯёнро зарур аст, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, ҳамчун мутахассисони баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ рақобатпазир ба камол расида, дар пешрафти иқтисодиёт ва рушду нумуи кишвари азизамон-Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми хешро




гузоранд.

Сипас, гузоришҳои илмӣ шунида шуданд. Аз ҷумла, Қурбониён И. К., раиси Корхонаи воҳиди давлатии “Хӯрокворӣ” дар суханронии хеш оид ба дастовардҳои саноати хӯрокворӣ ҳарф зада, иброз дошт, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар масъалаҳои мутобиқгардонии сифати маҳсулоти ғизоии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ ҳалли худро ёфта, истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ зиёд гардид.

Профессори Пажуҳишгоҳи илмии “Ғизо”-и назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.т., Ҷаҳон Азонов оид ба истеъмоли ғизои солим тавсияҳои зарурию судманд доданд.

Дар гузориши илмии директори ҶСШП “Комбинати шири Душанбе” Ҳотамов Р.Д. оид ба пешравӣ ва дастовардҳои корхонаи зикргардида ва саҳми он дар бозори дохилӣ изҳори андеша карда шуд.

Президенти Академияи таҳсилоти назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.б., д.и.фарм., проф. Бобизода Ғуломқодир доир ба рушди соҳаи парандапарварӣ ва роҳҳои беҳтар кардани он тавсияҳои зарурӣ баён намуданд. Сардори шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВСТНҶТ) Рӯзизода Акрам дар баробари дигар муваффақиятҳо саҳми Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар омода намудани мутахассисони баландихтисос ва рушду нумуи соҳаи саноати хӯрокворӣ назаррас арзёбӣ кард.

Дар кори семинар аъзои раёсати донишгоҳ, намояндагони факултетҳо, роҳбарони корхонаҳои ватанӣ, аз ҷумла раисони КВД “Хӯрокворӣ”, КВД “Гӯшту шир”, КВД “Ғалла”, директори Пажуҳишгоҳи илмии “Ғизо”-и назди ВСТНҶТ, директори ҶСШП “Комбинати шири Душанбе” ва ҳайати омӯзгорону профессорон, докторантони PhD, аспирантону унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯёни донишгоҳ фаъолона ширкат варзиданд.

Басо рамзист, ки ҳамоиши илмӣ ба ҷашни “Рӯзи кормандони саноати хӯрокворӣ” рост омад. Дар фарҷоми ҳамоиш аз ҷониби роҳбарияти вазорат ба як қатор кормандони собиқадору пешқадами соҳа, барои фаъолияти бисёрсолаю босамар медали “Корманди фахрии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Сипоснома тақдим гардид.

Мавриди зикр аст, ки ду нафар устодони донишгоҳ н.и.т., дотсент Хушматов А.Т. бо медали “Корманди фахрии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва мудири озмоишгоҳи кафедраи ТМИХ Қурбонова Н. Н. бо Сипосномаи ВСТНҶТ сарфароз гардонида шуданд.

**М. ШЕРОВ**



# ВОХӮРИИ СУДМАНД

Дар асоси нақшаи чорабиниҳои филиали Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони Филиали Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо омӯзгорон ва донишҷӯёни дар хобгоҳи донишгоҳ истиқоматкунанда баргузор гардид.

Вохӯриро муовини ректор оид ба тарбия Абдумуминзода Ситора ҳусни оғоз бахшида, ба таври мухтасар аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ва саҳми беназири Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот ва ободию шукуфоии ватани азизамон ёдовар шуд. Муовини раиси Филиали Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Ғаффорзода Давлатҷон ҳозиринро ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-юмин солгарди таъсисёбии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон табрику муборакбод гуфта, дар хусуси дастгириҳои ҳамешагии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз суханронӣ намуда, нақши ҷавононро дар пешрафти иқтисодиёти кишвар ва рушду нумуи он нек арзёбӣ кард.

Дар фарҷоми вохӯрӣ ба як қатор ҷавонони фаъоли донишгоҳ аз ҷониби Филиали Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Сипоснома ва тухфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

24 НОЯБР–РӮЗИ ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗАМ, ПАРЧАМАТ ПОЯНДА БОД!

**Тоҷикистони азизам, парчамат**
**поянда бод,**
**Мавҷ зан дар зери гардун,**
**қосиди оянда бод.**
**Парфишон гашта ливоят,**
**дар фазои беканор,**
**Шуҳрати ту бахти моро**
**боз афзоянда бод!**

Оре, Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳим ва ифодагари Истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи максаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.

Инсоният дар таърихи тӯлонии хеш рамзҳои зиёдеро эҷод ва корбаст намудааст, ки ҳар як рамз то ҷое рӯшангари чанд сафҳаи саргузашти қавму миллату давлате мебошад. Дар асл рамзҳо гуногунанд, вале дар байни онҳо парчам таърихи дуру дароз дорад ва аз рӯйи тадқиқотҳои илмӣ-таърихӣ он пайдоиши беш аз 3 - 3,5 ҳазорсола дошта, нахустин парчамҳо дар Эрони кадим,Чин ва Миср пайдо шудаанд.

Парчами Тоҷикистон нишони ифтихори миллии мост. Ҳар кӣ худро дӯстдори меҳан, дӯстдори Тоҷикистон ҳисобад, бояд Парчами давлатии онро дӯст дораду ба он арҷ гузорад. Чун кишвари маҳбуби мо –Тоҷикистон, Истиқлолиятро ба даст овард, баробари дигар рамзҳои давлатӣ зарурати таҳияи парчами навро дида баромаданд ва дар Сессияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия ва қабул намуданд, ки 24-уми ноябри соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон расман соҳиби рамзи давлатӣ ва соҳибистиқлоли худ - Парчами давлатӣ гардид.



Соли 2009 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат 24-уми ноябр Рӯзи Парчами давлатӣ эълон гардид, ки ин рӯзи муборак минбаъд дар саросари мамлакат ҳамасола чашн гирифта мешавад. Сарвари кишварамон дар бораи Парчами давлатӣ бо камоли эҳтирому эътиқод чунин иброз намудаанд: «Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи максаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад».

Арҷгузорӣ ба парчам давраҳои тӯлониро дар бар мегирад. Дар назди Парчами давлатӣ аз Президенти ҷумҳурӣ то сарбози одӣ савганди садоқату вафодорӣ ёд мекунанд ва ин парчам ба шарафи тантанаҳои миллӣ ва дигар пирӯзиҳо зери садои Суруди миллӣ барафтохта мешавад, ки ин шаҳодат аз соҳибистиқлолии кишвари азизамон аст.

Бигзор парчами Тоҷикистон дар фазои амну осоиш мудом парафшону партавфишон бошад. Ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Қасри миллат, Парчами Тоҷикистон дар баландии 165 метр бо андозаи 30 х 60 афрохта шуд, ки дар ҷаҳон баландтарин мебошад.

**Эй парчами умед, эй ном,**
**эй нишон,**
**Дар осмони бахт кардат кӣ**
**парфишон?!**
**Бигзор номи ӯ монад дар ин ҷаҳон,**
**Мисли ту раҳнамо, мисли ту**
**ҷовидон!**

Хоҳони онем, ки Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо, бар сари миллати тоҷик ва давлати тоҷикон то абад ҷовидону парафшон бошад ва моро ба сӯйи ояндаи ободу осуда раҳнамун созад:

**Парчами мо, чун сари шери**
**фалак боло шуд,**
**Зиндагӣ дар назари пиру**
**ҷавон воло шуд.**
**Сухан аз ваҳдати гумшуда**
**ба гӯшам омад,**
**Боғи умри ҳама, ғарқи сумани**
**зебо шуд.**

**ХАЙЛОЕВА Р. А. омӯзгори**
**литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# ДИРАФШИ КОВАЁНИИ МО



Дирафшро бо маънои дигар парчам ҳам мегӯянд, ки ин аз қадимулаём аз гузаштагони мо то ба имрӯз мерос мондааст. Коваи оҳангар ҳамчун як нишонаи парчамдориро дар кору пайкори худ арҷ гузошта ва ҳамчун асолати миллии хеш гиромӣ медошт. Парчам нишонаи давлатдорист, ки аз соҳибистиқлол будани он кишвар дарак медиҳад. Зеро давлати ободу озод дорои нишонаҳои миллӣ мебошад.

Яке аз нишонаҳои миллии давлатдории мо ин парчам мебошад, ки барои ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст ифтихор ба ҳисоб рафта, зери шиори нангу номуси ватандорӣ ба ин муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд.

Дар байни давлатҳо парчам нишонаи хоси худро дорад ва аз чигунагии он миллату давлат шаҳодат медиҳад. Лаҳзаи хассостарин он лаҳзаест, ки вақте варзишгар ё шахсе ғолиб мегардад, парчами миллии хешро ба сари китф мепартояду бо ифтихор мегӯяд: "Ман тоҷикам ва ифтихор аз парчами зебои хеш дорам".

Аз рӯзҳои нахустини давлатдориамон мо тоҷикон ба парчами миллии хеш арҷ мегузоем ва онро муқаддасу гиромӣ медорем. Дар пойтахти кишварамон – Душанбешаҳр парчами давлатӣ бо баландии 165 метр ва паҳноияш 30 метр партавафшонӣ намуда, бо рангҳои зебояш дилу дидагони ҳар як сокини пойтахтро шод месозад ва ба дилхо меҳри ватандориро афзун мегардонад.

Ҳудуди парчами давлатиамонро гулгашту фавворахои зебо иҳота карда, баҳри истироҳати сокинон ва меҳмонони пойтахт ҷойгоҳи тамошобоб мебошад.

Мо ҷавонону наврасони зодаи даврони Истиқлолият бояд ҳамеша баҳри боз ҳам мустаҳкам гаштани пояи сулҳу суботи кишварамон саъю кӯшиш намоем ва дар роҳи ободкорию созандагии ватанамон саҳми назарас гузорем.

**Манижа ХАЙДАРОВА,**
**корманди китобхонаи**
**ДТТ**

# National Flag of Tajikistan

National Flag of Tajikistan was officially approved represents a rectangular cloth, which consist of three horizontal lines. The top line on the flag of Tajikistan is red, the middle line is white, and the lower line is green. The red line of the flag represents the sun, victory and a triumph. White line symbolizes moral purity of people, snow on the tops of the mountains beyond the clouds, which occupy 93 percent of Tajikistan's territory, nearly half of the territory is situated at a height of exceeding 3000 meters.

White, therefore, reflect a natural feature of the republic. Green color on the flag embodies spiritual essence of Islam. However, the green color is a symbol of the Novruz holiday ( i. e. New Year, celebrated on 21-22 of March. Days of Novruz signify the beginning of agriculture work as green color is the color of germinating wheat seeds, which is by-turn a symbols of nature's generosity. The crown on the flag represents the Tajik people ("tadzhvar" means "crown"). In the traditional Tajik culture magic number "seven" is a symbol of perfection, embodiment of happiness and virtue. According to a Tajik legend, the heavens consist of seven beautiful gardens, surrounded by seven mountains, on each of which is a shining star.

There are one more peculiarity of this flag, it has some similarities in stylistics and a color palette with the national flag of Iran; this is accounted for the fact that both states are inhabited with related Indo-Aryan peoples.

**student the 1 course**
**Gr 1-26020208**
**Alimuradov Huseyn**
**English teacher**
**Shamsova B.Q.**



# АЗ ВАТАНУ ПРЕЗИДЕНТАМОН ИФТИХОР МЕКУНЕМ

Ҳар як давлати мустақил ва соҳибистиқлол соҳиби Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, қонунҳои ба худ хос ва роҳбари давлат мебошад.

29 сол муқаддам рӯзи 16-уми ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ шуда гузашт, ки Ҳукумати конститутсиониро барқарор намуд.

Тавре ки маълум аст, аз қадимулайём мардуми форс яке аз бофарҳангтарин мардуми рӯи замин буданд ва ҳастанд. Таърихи дирафшдории мардуми форс аз давраи Коваи оҳангар, ки пешдомани худро дар сари найза гирифта, ба муқобили беадолатиҳои Заҳҳок мардумро ба шӯриш даъват кард, ибтидо мегирад ва ин дирафш то ба истилои Араб ливои пешбарандаи мардуми форс буд.

Гарчанде, ки мардуми форсзабон барои ҳифзи сарзамини худ аз истилогарони мақдунӣ ва арабу муғул шикаст хӯрда бошанд ҳам, вале ҳувияти миллии худро аз даст надоданд. Ва инак, дар замони соҳибистиқлолӣ тайи 30 сол аст, ки мардуми тоҷик ва тоҷикистониён тахти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу суботи комил умр ба сар мебаранд.

Пас аз ноормиҳо (ҷанги шаҳрвандӣ) - и солҳои 1992-1997 бо ҷаҳду талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ва фарзандони баору номуси кишвар ваҳдати миллӣ ба даст оварда шуд. Барои ободию гулгулшукуфии мамлакат мо бояд кишварамонро аз бумбасти коммуникатсионӣ ва иқтисодӣ берун мебаровардем. Аз ин рӯ, моро зарур омад, ки ба кандани нақбҳо, сохтани роҳҳо, неругоҳҳои барқи обии хурду бузург ва корхонаҳои пуриқтидор камари ҳиммат бандем. Хушбахтона, мушкилиҳоро бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пушти сар намуда, Ватани маҳбубамонро ба як кишвари ободу зебо ва пешрафта табдил додем, ки дар он нақши Президенти мамлакатамон беназир аст.

Имрӯз дили Ватани мо – Душанбешаҳр, ки ба ҷойи дӯстдоштаи на танҳо сокинони пойтахту меҳмонони дохилӣ, балки сайёҳони хориҷӣ табдил ёфтааст, макони баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди минтақавию байналмилалӣ гардидааст, ки мо бо шукргузорӣ аз он ифтихор мекунем.

**Нодирмуҳаммад ДАВЛАТОВ,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ**

## ДАР ВАСФИ УСТОД

**Андар Замину осмон**
**Андар замири мардумон**
**Меҳри ту бошад ҷовидон,**
**Устоди фарзони замон.**

**Устоди мо доно бувад,**
**Маъвош дар дилҳо бувад.**
**Ҳам Гангу ҳам дарёи Нил,**
**Дар қалби покаш ҷо бувад.**

**Аз ӯ бифахрем мо ҳама,**
**Бо кори некаш номдор.**
**Хоҳем мисли ӯ шавем,**
**Фахри Ватан, фахри диёр.**

**Муҳаммадалии Наим**

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА ДАСТГИРИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ

Дар донишгоҳ бо ташаббуси садорати факултети иқтисодиёт ва молия дар доираи лоиҳаи MIETC – Таҳияи барномаи магистрӣ оид ба идоракунии соҳибкории саноатӣ барои кишварҳои дар давраи гузариш фаъолиятдошта, мизи мудаввар дар мавзӯи "Танзими давлатӣ ва дастгирии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузаронида шуд, ки дар он кормандони КВД "Клуби соҳибкорони ҷавон" иштирок доштанд.

Мизи мудавварро декани факултет н.и.и., дотсент Абдурасул Сатторов ҳусни оғоз бахшида, қайд намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии рушди иқтисоди бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дар амал татбиқ намудани ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди соҳибкории саноатӣ мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд. Инчунин соҳибкорӣ фаъолияти эҷодкорона буда, мақсади асосиаш ба даст овардани фоида мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» соҳибкориро низ чун фаъолияти ташаббускорона ва мустақилонаи шаҳрвандон, ки ба гирифтани фоида ё даромади шахсӣ нигаронида шудааст, муайян менамояд. Аз ин рӯ, – суханашро давом дода, – гуфт ӯ, соҳибкорӣ амалиёти мустақилонаест, ки дар асоси рафтори таваккалӣ сурат мегирад.

Сипас директори КВД "Клуби соҳибкорони ҷавон" Юсуфзода Фирӯз дар мавзӯи "Рушди соҳибкории ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон" маърӯзаи пурмазмун намуд. Қайд гардид, ки мақсад аз ташкил намудани чунин воҳӯриҳо ҷалби ҷавонон ба соҳибкорӣ буда, барои омода намудани мутахассисони соҳаи соҳибкорӣ ва шахсоне, ки қадамҳои нахустини худро дар ин самт бояд аниқ, устувор ва бо боварӣ гузоранд, равона карда шудааст.




Мудири кафедраи "Идоракунии молиявӣ"-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.и. дотсент М Достиев. дар мавзӯи "Ташкили соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди босуботи соҳаи саноат" суханронӣ карда, қайд намуд, ки солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар бобати рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва ислоҳоти соҳа, ки маҳз бо мақсади афзоиши мунтазами ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъмиди молу маҳсулоти ватанӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона гардидааст, аз ҷониби ҳукумату давлат пайваста тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Мудири маркази интиқоли технология, таҳсилот ва соҳибкорӣ Т. Баҳромӣ, ки дар мавзӯи "Нақши марказҳои интиқоли технологияҳо дар рушди инноватсионии саноат" маърӯзаи пурмазмун намуд, аз ҷумла иброз дошт, ки сиёсати навоварӣ дар марҳилаи ҳозираи ислоҳоти бозоргонӣ бояд ба ташаккул ёфтани тарзҳои муосири технологӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, аз байн бурдани тарзҳои кӯҳнашуда ва баланд шудани қобилияти рақобатпазирии маҳсулот мусоидат кунад. Воситаи муайянкунандаи барои дар истеҳсолот ба роҳ мондан, интиқол додани натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ, таъсис ва инкишоф додани системаи шаклҳои тиҷоратии ҳамкории байниҳамдигарии илм ва истеҳсолот мебошад.

Дар мизи мудаввар мудири кафедраи "Молия ва қарз", н.и.и. А. Собирҷонов дар мавзӯи "Усулҳо ва воситаҳои молиявӣ-қарзии дастгирӣ ва ҳавасмандкунии давлатии соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон", мудири кафедраи иқтисодиёт ва идора, н.и.и. Ш. Шарипов дар мавзӯи "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли асосии ҷалби сармояи хориҷӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон" суханронӣ намуда, оид ба дастрасии захираҳои қарзӣ барои соҳибкорон, дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузориҳо, ҳамчунин тадқиқоти афзалияти муқоисавии шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва гузаронидани онҳо ба афзалиятҳои рақобатпазири таҳияи барномаҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ пешниҳодҳои ҷолиб намуданд.

Сардори маркази технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ҳамзамон ҳамоҳангсози лоиҳа Аҳрор Ҷаъфаров суханронӣ карда, иброз дошт, ки аксар шахсони муваффақ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд. Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ бе банақшагирии соҳибкорӣ, инчунин истифодаи таҷриба ва технологияи инноватсионӣ, босамар наҳоҳад буд.

Дар фарҷоми мизи мудаввар 20 нафар омӯзгори равияҳои иқтисодии донишгоҳ, ки тӯли 6 моҳ тарики маҷозӣ (онлайн) дар курсҳои англисӣ тарики платформаи "OLS PLANFORM" иштирок намуданд, бо сертификати забондонии англисӣ вобаста ба дараҷаҳо сарфароз гардонида шуданд.

**И. ҚАЛАНДАРОВ,**
**муовини декан оид ба илм ва инноватсия, муаллими калон**

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 тахти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.